**Тақризи**
**роҳбари илмӣ, д.и.и., и.в. профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Кошонова Манзура Раҳматҷоновна ба диссертатсияи унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Исайнова Манижа Ҳисайновна дар мавзӯи «Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

Таъмини амнияти озуқавории минтақа ҳамчун унсури ҷудонашавандаи бехатарии иқтисодии мамлакат ба ҳисоб рафта, дар қатори расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва саноатикунони босуръат, ки ҳамчун ҳадафҳои асосии рушди устувори иқтисодӣ муаррифӣ гардидаанд, накши беандоза муҳими худро дар пешрафти иқтисоди миллии мамлакат мебозанд. Новобаста аз оне, ки дар шароити ҳозира масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ на танҳо яке аз масъалаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад, муҳиммияти ин масъала дар сатҳи локалӣ (минтақа) коҳиш наёфта, баръакс рӯз аз рӯз яке аз масъалаҳои муҳимми рушди иқтисоди минтақаҳо боқӣ мемонад.

Маҳз ҳалли ҳамин ва дигар масъалаҳои бо ин мушкилотҳо алоқаманд, зарурати омӯзиши ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқавориро ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи омӯзиши муаммои иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар ба миён меоварад. Ҳамаи тафсирот ва далелҳои дар боло зикршуда мувофиқати мавзӯи интихобкардаи диссертатсияро муайян намуда, мубрамӣ, рӯзмарра, аҳамияти амалӣ ва арзиши илмии онро тасдиқ менамояд.

Дар диссертатсия хусусият, омилҳо ва меъёрҳои таъмини озуқавории минтақа ошкор карда шудааст, ки онҳо дараҷаи қонеъсозандаи талаботи физиологӣ, безарарии ашёи хоми кишоварзӣ, сатҳи дастрасии физикӣ ва иқтисодии озуқаворӣ аз ҷониби табақаҳои гуногуни аҳолӣ, ҳаҷми захираҳои озуқаворӣ вобаста ба меъёрҳои тавсиявӣ мебошанд.

Асосҳои назариявӣ ва методии тадқиқотро асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ (аз он ҷумла руссиягӣ), ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, таҳлилҳои институтҳои соҳавӣ ва нашри мақолаҳои илмӣ-амалӣ оид ба ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ ташкил медиҳанд. Ҳангоми иҷроиши таҳқиқот аз ҳисоботҳои корхонаҳои кишоварзӣ ва шуъбаҳои омории шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ истифода бурда шудааст.

Дар раванди тадқиқот асоснокунии хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф бо ҳаҷми кофии маълумотҳои оморӣ тасдиқ карда шудааст. Муаллиф дар сатҳи зарурӣ усулҳои тадқиқоти илмиро фаро гирифтааст, дараҷаи лозимии омодагиро барои пешбурди тадқиқотҳои амиқи илмӣ доро мебошад ва аз донишҳо дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ махсусан ҷанбаҳои минтақавӣ бархурдор мебошад. Муқаррароти хулосаҳо ва пешниҳодҳои асосии илмиро, ки муаллиф дар ҷараёни тадқиқот таҳия кардааст, метавонад дар таҳияи барномаҳои давлатӣ дар самти кишоварзӣ, амнияти озуқавории минтақа ва ғизо мусоидат намояд.

Чунин мешуморем, ки Исайнова Манижа Ҳисайновна аз ухдаи иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошташуда баромада, диссертатсияи худро дар мавзӯи аҳамиятноку мубрами минтақаи тадқиқотӣ таҳия намудааст. Ба ӯ муяссар шудааст, ки дар диссертатсияи худ мушкилотхои таъмини бехатарии озуқавориро дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ошкор ва тавсияҳо оид ба такмили минбаъдаи ин соҳаи муҳими кишвар таҳия намояд.

Дар маҷмуъ диссертатсия аҳамияти кифояи илмӣ ва назариявию амалиро дорост ва кори илмӣ-тадқиқотии баитмомрасида барои ба муҳокимаи ошкоро пешниҳод карда мешавад.

Вобаста ба шахсияти худи унвонҷӯ қайд карданӣ ҳастам, ки Исайнова Манижа Ҳисайновна соли 2018 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси 26010301 - Танзими давлатии иқтисоди миллӣ хатм намудааст.

Пас аз хатми донишгоҳи номбурда Исайнова Манижа ба ҳайси ассистенти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолиятро оғоз намуда, то ҳол дар ин вазифа фаъолият намуда истодааст. Ҳамзамон дар баробари фаъолияти таълимӣ Манижа Ҳисайновна ҷиҳати иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тибқи фармоиши №20/И аз 28.01.2019 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ мутобиқи банди 2.17-и “Низомномаи тайёр намудани кадрҳои илмӣ-педагогӣ дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон” қабул шудааст.

Дар фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ то имрӯз Исайнова М.Ҳ. 15 мақолаи илмӣ аз ҷумла 6-адад мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода ва нашр намудааст. Мавзӯи диссертатсия дар алоқамандӣ бо имконият ҳои илмию эҷодӣ ва дараҷаи андешаронии Манижа Ҳисайновна мувофиқ интихоб шудааст.

Аз ин ҷост, ки унвонҷӯ тавонистааст дар гузориш ва натиҷагирӣ аз мақсад, вазифа ва унсурҳои навгонии илмии худ муваффақ шавад. Дар маҷмуъ, ҳамаи ин рақаму далелҳо аз он гувоҳӣ медиҳад, ки диссертатсия ба талаботҳои Комиссияи олии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Аз ин рӯ диссертатсияи Исайнова М.Ҳ. сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад ва барои ҳимояи ошкоро пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ,
д.и.и., дотсент, и.в. профессори
кафедраи молияи ДДМИТ — Кошонова М.Р.

Имзои Кошонова М.Р.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДМИТ
«30» сентябри 2022 с. — Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ